Бо қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
№__ аз ___ ____ соли 20__
"тасдиқ шудааст"

**УСУЛҲОИ (ПРИНСИПҲОИ)**
**Идоракунии корпоративӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ**

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Санади мазкур усулҳои асосии идоракунии корпоративиро дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, ташкилоти амонатии қарзии хурд, бонкҳои исломӣ, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкии исломӣ ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурди исломӣ) (минбаъд - ТҚМ), ки Бонки миллии Тоҷикистон (минбаъд - БМТ) ба онҳо иҷозатнома медиҳад, муқаррар намуда, дорои хусусияти тавсиявӣ мебошад. Дигар намудҳои ТҚМ низ барои такмил додани низоми идоракунии корпоративӣ дар ташкилот метавонанд аз Усулҳои мазкур истифода намоянд.

1.2. Мафҳумҳои асосие, ки дар санади мазкур истифода бурда шудааст:

– **Идоракунии корпоративӣ** – низоми муносибатҳо байни кормандони роҳбарикунандаи ТҚМ, шӯрои нозирони он, саҳҳомон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор, ки ҳамчун механизми муайян кардани ҳадафҳои ташкилот ва назорат ба дастовардҳои онҳо хидмат мекунанд. Чунин низом имкон медиҳад, ки тақсимоти ваколатҳо ва масъулиятҳоро дуруст ташкил намуда, инчунин раванди қабули қарорҳои корпоративиро дар ТҚМ ҷорӣ намояд.

– **Котиби корпоративӣ** – мутобиқи Кодекси идоракунии корпоративӣ, корманди ТҚМ мебошад, ки ҳамкорӣ бо саҳмдорон, ҳамоҳангсозии амалҳои ширкатро барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои саҳмдорон, инчунин фаъолияти самарабахши Шӯрои нозиронро таъмин менамояд.

- **Кумитаи подош** – Кумитаи подош мақоми машваратӣ ба ҳисоб рафта, вазифаи Кумита аз таҳияи усулҳо ва меъёрҳои муайян кардани

ҳаҷми подош ва ҳавасмандкунии моддии аъзои Шӯрои нозирон, раиси Шӯрои нозирон, мақоми иҷроия ва дигар кормандони ТҚМ иборат мебошад.

– **Директори мустақил** – аъзои Шӯрои нозирон мебошад, ки барои ташаккул додани мавқеи худ дорои касбият, таҷриба ва мустақилияти кофӣ буда, барои баровардани мулоҳизаи холисона (беғаразона) воқеъбинона ва боинсофона, новобаста аз таъсири мақомоти иҷроияи ТҚМ, гурӯҳҳои алоҳидаи саҳмиядорон ё дигар тарафҳои манфиатдор қобилият дорад.

– **Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ** – мақоми ташкилоти қарзии исломӣ, ки барои мутобиқбудани созишномаҳои (шартномаҳои) басташудаи онҳо ба стандартҳои фаъолияти бонкии исломӣмасъул мебошад.

Низоми босамари идоракунии корпоративӣ инҳоро дар бар мегирад:

а) муқаррар намудани арзишҳои корпоративӣ ва кодекси корпоративии ахлоқ;

б) муқаррар намудани стратегияи корпоративӣ (мақсадҳои стратегӣ), ки дар асоси он натиҷаи фаъолияти ТҚМ ва саҳми кормандони алоҳида арзёбӣ мегардад;

в) муқаррар кардани тартиби дараҷабандии қабули қарорҳо аз сатҳи поёнии кормандони идора сар карда то аъзои Шӯрои нозирон дар натиҷаи тақсимоти дурусти (дақиқи) масъулиятҳо, ваколат ва ҳисоботдиҳӣ;

г) муқаррар намудани механизми ҳамкории мутақобилаи байни Шӯрои нозирон, Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ, Раёсат ва аудиторҳо (аудиторҳои берунӣ ва дохилӣ);

д) низоми амалкунандаи назорати дохилӣ, аз ҷумла низоми идоракунии хавфҳо;

е) мониторинги соҳаи фаъолияте, ки дар он мумкин аст бархӯрди манфиатҳо ба амал ояд, аз ҷумла дар муносибат бо қарзгироне, ки нисбат ба ТҚМ шахси вобаста ё алоқаманд мебошанд;

ё) дастгирию ҳавасмандкунии моддӣ ва касбӣ дар шакли подош, инчунин ба вазифаи баландтар таъин кардан ва ғ.;

ж) чараёни иттилооти дахлдор ҳам дар дохили ТҚМ ва ҳам барои истифодабарандагони берунӣ.

1.3. Мавҷудияти низоми идоракунии корпоративӣ дар ТҚМ онро дар назар дорад, ки Шӯрои нозирон, Кумитаи хизматрасонии маблағгузории

исломӣ ва Раёсат мутобиқи талаботи қонунгузории ҷорӣ роҳбарии умумии ТҚМ-ро амалӣ намуда, ба фаъолияти он таъсир мерасонанд, ки ТҚМ метавонад амалҳои зеринро анҷом диҳад:

а) муқаррар намудани мақсадҳои стратегӣ;

б) амалӣ намудани фаъолияти ҷорӣ;

в) ба ҳисоб гирифтани манфиати шахсони манфиатдор (кормандон ва муштариёни ТҚМ, ҳамчунин ҷамъият ва мақоми назоратӣ);

г) ҳимоя намудани манфиати қарздеҳон, амонатгузорон ва дорандагони суратҳисобҳои сармоягузорӣ;

д) истифода бурдании захираю имкониятҳои мавҷуда.

1.4. "Усулҳои идоракунии корпоративӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ" хусусияти тавсиявӣ дошта, барои ҷорӣ намудан дар ТҚМ илова ба муқаррароти низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад. Дар ҳолате, ки қонунгузорӣ нисбат ба усулҳо барои категорияҳои алоҳидаи ТҚМ талаботи баландтарро муқаррар намояд, дар ин маврид истифодаи қонунгузорӣ бартарият дорад. Усулҳои мазкур барои зиёд намудани ҷалби сармоягузории ТҚМ, таъмини устувории низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пурзур намудани таҷрибаи миллии идоракунии корпоративӣ равона гардидаанд.

## 2. Усулҳои идоракунии корпоративӣ

Усули 1. Муайян намудани арзишҳои корпоративӣ ва мақсадҳои стратегие, ки бояд ба маълумоти ҳамаи кормандони ТҚМ расонида шаванд.

Шӯрои нозирон мақсадҳои стратегии ТҚМ - ро муайян мекунад, ки онҳо ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти ҷорӣ роҳнамои асосӣ ба ҳисоб мераванд. Мақсадҳои стратегӣ ҳангоми муқаррар намудани арзишҳои корпоративии худӣ, муносибатҳои мутақобилаи «роҳбарият - тобеон», ҳангоми интихоби аъзои Раёсат ва муайян кардани сиёсати кироя намудани кормандон бояд омилҳои муайянкунанда ба ҳисоб раванд.

Арзишҳои корпоративӣ бояд муҳим будани муҳокимаи озод ва саривақтии масъалаҳои мавҷударо эътироф намоянд. Дар ин маврид дар фаъолияти дохилии ТҚМ ва ҳам ҳангоми гузаронидани амалиёти берунӣ роҳ надодан ба суистифода аз мақоми хизматӣ ва эҳтимолияти дигар зуҳуроти коррупсионӣ амри зарур мебошад.

Шӯрои нозирон барои тасдиқ намудани сиёсати ТҚМ, аз ҷумла барои сиёсате, ки муносибатҳои мутақобиларо бо шахсони вобаста ва алоқаманд ба тартиб меорад, масъулият ба зимма дорад. Мавҷуд будани амалияи хизматрасонии имтиёздор ба шахсони вобаста, алоқаманд ва ба дигар шахсон дар ТҚМ, ки аз иноятү тараҳҳуми (мусоидат ба дастгирӣ) роҳбарияти ТҚМ (қарз гирифтан ва ё маблағгузорӣ намудан бо шартҳои мувофиқе, ки талафотро мепӯшонад, рад кардани ҳаққи комиссионӣ ва ғ.) баҳравар мегарданд, нораво мебошад. Ҳаҷми қарздиҳӣ мутобиқи шароити бозор ва баъзе намудҳои қарз ва талаботи дахлдори қонунгузорӣ бояд ба шахси вобаста маҳдуд бошад. Дар ин маврид ҳисобот дар хусуси қарздиҳӣ ба шахси вобаста бояд ба Шӯрои нозирон пешниҳод гардад ва мавриди шарҳу тафсири аудиторони дохилию берунӣ бошанд.

Усули 2. Муқаррар намудани дараҷаҳои муайяну мунтазами масъулият, ваколатҳо ва ҳисоботдиҳӣ.

Раёсати ТҚМ барои ташкили дараҷаҳои муайяни масъулият, ваколатҳо ва ҳисоботдиҳӣ барои ҳамаи кормандони ТҚМ масъулият ба зимма дорад ва дар назди Шӯрои нозирон барои фаъолияти ТҚМ дар маҷмӯъ ҳисоботдиҳанда мебошад. Дар ин маврид, Шӯрои нозирон ва Раёсат дар назди Маҷлиси умумии саҳмдорон ва инчунин иштирокчиёни ТҚМ ҳисобот медиҳанд.

Шӯрои нозирон бояд саривақт ва пурра маълумоти заруририро барои назорати кори Раёсати ТҚМ дастрас намояд.

Дараҷаҳои ба таври дақиқ муқаррарнашудаи масъулият, ваколатҳо ва ҳисоботдиҳӣ метавонанд ба иҷро нагардидани саривақтии уҳдадориҳо ва вазифаҳои алоҳида ва ё нокифоягии иҷрои онҳо оварда расонанд.

Усули 3. Аъзои Шӯрои нозирон бояд дорои тахассуси дахлдори ҷавобгӯ барои иҷрои вазифаашон бошанд ва онҳо нақши худро дар низоми идоракунии корпоративӣ дуруст дарк намоянд. Аъзои Шӯрои нозирон қарорҳоро набояд таҳти таъсири аъзои Раёсати ТҚМ қабул намоянд.

Шӯрои нозирон барои идоракунии умумии фаъолият ва устувории молиявии ТҚМ дар маҷмӯъ масъул мебошад. Шӯрои нозирон бояд дорои қобилияти ироаи мулоҳизаҳои холисонаву мустақил буда, қарорҳое қабул намоянд, ки ба манфиатҳои ТҚМ, саҳмдорон ва иштирокчиёни он ҷавобгӯ бошанд.

Шӯрои нозирон бояд маълумоти заруриро барои қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои рӯзнома сари вақт дастрас намояд.

Шӯрои нозирони босамар фаъолияткунанда, бояд қобиляти қабул кардани қарорҳои (хулосаҳои) дуруст ва қонунӣ новобаста аз ақидаи аъзои Раёсат, саҳмдорони калон (иштирокчиён) ё дигар мақомоти давлатӣ, дошта бошад. Амалҳои оқилона ва холисонаи аъзои Шӯрои нозирон барои қабули қарорҳо бо дарназардошти ҳама маълумоти мавҷуда, бидуни бархӯрди манфиатҳо, бо назардошти муносибати баробар нисбат ба саҳмдорон ва иштирокчиёни ТҚМ, дар доираи равишҳои тасдиқшуда оид ба идоракунии хавфҳо пешбинӣ карда мешаванд.

Ба ҳайати Шӯрои нозирон ҳамроҳ кардани мутахассисони соҳибтахассус, ҳамчунин фаъолият кардани Кумитаи аудит дар ТҚМ метавонанд мустақилият ва воқеъбинона будани қарорҳои қабулшавандаро боз ҳам тақвият бахшанд. Илова бар ин, чунин аъзои Шӯрои нозирон метавонанд аз дигар соҳаҳои соҳибкорӣ ва тиҷорат ақидаҳои нави дурнамои рушду такомулро мавриди истифода қарор диҳад, ки бо шарофати онҳо мумкин аст самти дурнамои муайяннамудаи Раёсати ТҚМ (масалан, аз берун назар афкандан ба шароити маҳал) беҳтар гардад.

Ҳайати Шӯрои нозирон бояд аз нуқтаи назари салоҳияти касбӣ, малака, таҷриба, мустақилият ва ҷалби аъзои он ба кори Шӯрои нозирон мутавозин (баробар) бошад.

Дар мутавозинии фаъолияти Шӯрои нозирон директорони мустақил нақши хос дошта, ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

а) дар муддати 3 (се) соли охир ва дар лаҳзаи интихоб корманди ТҚМ ё ташкилоти идоракунандаи он набошад;

б) шахси вобастаи саҳмдорон (иштирокчиён) ва кормандони роҳбарикунандаи ТҚМ ё ташкилоти идоракунандаи он набошад;

в) тарафи уҳдадориҳои ТҚМ, ки мутобиқи он ӯ метавонад молу мулке ба даст орад, ки арзиши он 10 (даҳ) ва ё зиёда аз фоизи даромади солонаи он набошад;

г) дорандаи на бештар аз 1 (як) фоизи саҳмияҳои ТҚМ бошад;

д) корманд ё шахси вобастаи дигар ТҚМ набошад;

е) аъзои Шӯрои нозирони ТҚМ на зиёда аз 8 (ҳашт) сол бошад;

ж) хизматчии давлатӣ бошанд, ба истисноӣ узви Шӯрои нозирониташкилоти қарзие, ки давлат дар он саҳмдор аст.

Тавсия дода мешавад, ки директорони мустақил аз се як ҳиссаи Шӯрои

нозиронро ташкил диҳанд, аммо дар ҳар сурат на камтар аз ду аъзои Шӯрои нозирон бошанд.

Шӯрои нозирон бояд давра ба давра фаъолияти худро арзёбӣ (баҳогузорӣ) намояд, ҳамасола раванди баҳогузорӣ анҷом диҳад ва инчунин, як маротиба дар се сол баҳогузории берунаи самаранокии фаъолияти Шӯрои нозирон гузаронида шуда, ҳангоми муайян шудани камбудиҳо, чораҳои дахлдор андешад.

Шӯрои нозирони ТҚМ низоми идоракунии корпоративиро барилова пурзӯр менамояд, агар он:

а) барои ҳимояи манфиатҳои ТҚМ ва ҳамаи саҳмдорони вай, вале на барои ҳифзи манфиатҳои баъзеи онҳо нақши назоратии худ ва уҳдадориҳои худро дарк намояд;

б) фаъолияти ҷории Раёсати ТҚМ - ро назорат кунад;

в) ба фаъолияти Раёсати ТҚМ баҳо диҳад ва аз вай дар ин хусус шарҳу маълумот талаб кунад;

г) такмил додани амалияи идоракунии корпоративии ТҚМ - ро талаб намояд;

д) қарорҳои холисона ва беғаразона (воқеъбинона) қабул намояд;

е) ҳайати миқдории баробар дошта бошад;

ё) аз ҳолатҳои пайдоиши бархӯрди (ихтилофи) манфиатҳо канораҷӯӣ намояд

ж) барои муқаррар кардан ва маъқул шумоdo сиёсат, муқаррар кардани воситаҳои иттилоотӣ ва мониторинги рафти ноил шудан ба мақсадҳои корпоративӣ мунтазам бо Раёсат ва хадамоти аудити дохилӣ вохӯриҳо гузаронад;

з) дар идоракунии ҷории (таъҷилии) ТҚМ ширкат наменварзад ва Раёсатро барои қабул кардани қарорҳои ғайриқонунӣ ба фоидаи худу ба зиёни дигар саҳмдорон ва/ё ба қабули қарорҳое, ки метавонанд ТҚМ – ро ғайри қобили пардохт намояд, маҷбур намекунад.

Раиси Шӯрои нозирон бояд барои иҷрои самараноки вазифаҳои Шӯрои нозирон мусоидат намояд. Аз ҷумла, раиси Шӯрои нозирон бояд фазои созандаро барои баргузории ҷаласаҳо, муҳокимаи озоди масъалаҳои ба рӯзномаи ҷаласа дохилшуда ва назорати иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои нозирон таъмин намояд. Раиси Шӯрои нозирон тамоми чораҳои дахлдорро ҷиҳати сари вақт пешниҳод намудани маълумоти зарурӣ ба аъзои Шӯрои нозирон барои қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои рӯзнома меандешад. Инчунин, раиси Шӯрои нозирон бояд

барои муоширати бо саҳмдорони ТҚМ дастрас бошад.

Котиби корпоративӣ ба Раиси Шӯрои нозирон кӯмак мерасонад ва ҳамкории доимиро бо саҳмдорон, ҳамоҳангсозии амалҳои ТҚМ дар самти ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои саҳмдорон ва дастгирии фаъолияти самарабахши Шӯрои нозиронро амалӣ менамояд. Котиби корпоративӣ дар назди Шӯрои нозирони ТҚМ ҳисоботдиҳанда мебошад, аз ҷумла Шӯрои нозирон андозаи подошпулии ӯро муайян менамояд. Котиби корпоративӣ бояд аз ҷониби Шӯрои нозирон дар ҷаласаи якум пас аз интихоби нав таъин карда шавад. Тартиби таъин ва фаъолияти котиби корпоративӣ, вазифаҳо, ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои ӯ бояд дар санади алоҳидаи дохилии ТҚМ, ки аз ҷониби Шӯрои нозирон тасдиқ шудааст, муайян карда шавад. Котиби корпоративӣ бояд дониш, таҷриба ва тахассусе дошта бошад, ки барои иҷрои вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда кифоя бошад, инчунин, нуфузу эътибори бенуқсон ва сазовори боварии (эътимоди) саҳмдоронро дошта бошад. Инчунин, котиби корпоративӣ бояд аз мақомоти иҷроияи ТҚМ мустақилияти кофӣ ва барои иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташуда ваколатҳои зарурӣ дошта бошад.

Шӯрои нозирон метавонад таъсиси кумитаҳои махсусро мувофиқи мақсад ҳисобад, аз ҷумла, агар дар қонунгузорӣ талабот оид ба таъсиси чунин кумитаҳо пешбинӣ нашуда бошад:

а) Кумитаи идоракунии хавфҳо, ки назоратро ба фаъолияти Раёсати ТҚМ дар масъалаи идоракунии хавфҳои бонкӣ таъмин мекунад (ин ҷо аҳамияти ба даст овардани иттилооти даврӣ аз Раёсатро дар хусуси гирифторӣ ба хавф ва оид ба фаъолияти Раёсат барои идоракунии хавфҳо қайд кардан хеле зарур мебошад). Кумитаи идоракунии хавфҳо бояд на камтар аз се аъзо дошта бошад. Ҳадди ақал як узви Кумитаи идоракунии хавфҳо бояд таҷрибаи идоракунии хавфҳоро дошта бошад. Раиси Шӯрои нозирон ё аъзои дигари кумитаи Шӯрои нозирони ТҚМ наметавонад раиси Кумитаи идоракунии хавфҳо бошад;

б) Кумитаи аудит, ки ба кори аудиторҳои дохилӣ ва берунӣ оид ба пешниҳод, таъин ва аз кор озод кардани онҳо назорат намуда, ҳаҷм ва муҳлати санҷишҳои аудиториро муайян ва тасдиқ менамояд. Кумита аз рӯи натиҷаи санҷишҳо ҳисобот қабул карда, саривақт аз ҷониби Раёсати ТҚМ иҷро шудани амалиёти тасҳеҳиро барои ислоҳ кардани камбудиҳои марбут ба назорати дохилӣ, риоя нагардидани сиёсати пешгирифта, санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ, ҳамчунин ислоҳи дигар камбудиҳоеро,

ки аудиторҳо ошкор кардаанд, таъмин мекунад. Кумитаи аудит бояд на камтар аз се аъзо дошта бошад. Бо мақсади баланд бардоштани мустақилияти кумита, тавсия дода мешавад, ки ҳамаи аъзои Кумитаи аудит директорони мустақил бошанд, аммо дар ҳар сурат на камтар аз ду узви Кумитаи аудит. Раиси Кумитаи аудит бояд аз ҳисоби директорони мустақил интихоб карда шавад. Тавсия дода мешавад, ки аъзои мустақили Кумитаи аудит дорои таҷриба дар соҳаи аудит ё ҳисоботи молиявӣ бошад. Ҳамзамон, раиси Шӯрои нозирон наметавонад узви Кумитаи аудит бошад.

в) Кумитаи подош, ки масъалаи сиёсати пардохти подошпулиро ба кормандони ТҚМ (аз ҷумла ба аъзои Шӯрои нозирон) барои риояи арзишҳои корпоративӣ ва мақсадҳои стратегии ТҚМ баррасӣ менамояд. Тавсия дода мешавад, ки дар ташкилотҳои қарзии молиявии низомсоз ва эҳтимолии низомсоз Кумитаи подош таъсис дода шавад. Кумитаи подош бояд на камтар аз се узв дошта бошад.

Тавсия дода мешавад, ки ба ҳайати Кумитаи подош директорони мустақил шомил карда шаванд.

Ба аъзои Шӯрои нозирон бояд ҳар сол подоши муқарраршуда, пардохта шавад. Пардохти подоши тағйирёбанда, ки ба ҳама гуна нишондиҳандаҳои фаъолияти ТҚМ вобаста аст, инчунин подоши барои иштирок дар ҷаласаҳои алоҳидаи Шӯрои нозирон ё кумитаҳои Шӯрои нозирон тавсия дода намешавад, зеро он метавонад боиси пайдо шудани омилҳои номатлуб гардад.

Усули 4. Таъмини назорати зарурӣ ба фаъолияти ҷорӣи ТҚМ аз ҷониби Раёсат.

Раёсати бонк – ин яке аз ҷузъҳои асосии низоми идоракунии корпоративӣ мебошад. Ҳангоме, ки Шӯрои нозирон ба кори Раёсат назорат мекунад, дар навбати худ Раёсат назорати фаъолияти ҳамаи воҳидҳои сохтории ТҚМ - ро анҷом медиҳад. Новобаста аз миқёси ТҚМ қарорҳои асосӣ бояд аз ҷониби бештар аз як нафар қабул карда шаванд (яъне, усули «чор чашм»). Дар амалияи фаъолияти идоракунӣ ба ҳолатҳои зерин бояд ҳаргиз роҳ дода нашавад:

а) дар қабули қарорҳо аъзои Раёсат дар ҳолати ба он ваколат надоштанашон иштирок кунанд;

б) барои кор ба сифати аъзои Раёсат шахсоне ҷалб шуда бошанд, ки тахассуси дахлдор ва донишу малакаи зарурӣ надоранд;

в) барои кор ба сифати аъзои Раёсат шахсоне роҳ дода шудаанд, ки аз уҳдаи назорат кардани кору фаъолияти кормандони асосии ТҚМ аз тарси аз даст додани онҳо намебароянд.

Усули 5. Истифода бурдани натиҷаи корҳои аудиторҳои дохилӣ ва берунӣ.

Фаъолияти аудиторҳои дохилӣ ва берунӣ дар низоми идоракунии корпоративӣ ҷузъи муҳим ба шумор меравад. Самаранокии кори Шӯрои нозиронро метавон бо ин роҳҳо пурзӯр намуд:

а) эътироф кардани аҳамиятнокӣ ва муҳимияти кори аудиторон ва ба маълумоти ҳамаи кормандони ТҚМ расонидани он;

б) андешидани чораҳое, ки мустақилияти аудити дохилиро таҳким мебахшанд;

в) саривақт мавриди истифода қарор додани натиҷаи кори аудиторҳо;

г) таъмини мустақилияти аудити дохилӣ тавассути ҳисоботдиҳии он ба Шӯрои нозирон (Кумитаи аудит) ва бевосита ба Раиси Раёсати ТҚМ оид ба масъалаҳои фаъолияти ҷорӣ;

д) ҷалб намудани аудиторони берунӣ барои баҳогузорӣ ба самаранокии раванди назорати дохилӣ;

е) муқаррар кардани талабот оид ба андешидани чораҳои саривақтии тасҳеҳӣ аз ҷониби роҳбарияти ТҚМ барои ҳалли масъалаю камбудиҳое, ки аудиторҳо ошкор намудаанд.

Шӯрои нозирон натиҷаи кори аудиторҳоро ҳамчун маълумоти холису мустақил, ки аз Раёсат дар хусуси фаъолияти ТҚМ ва вазъи молиявии он ба даст меорад, метавонад мавриди истифода қарор диҳад.

Усули 6. Таъмини тарзу усулҳои самараноки подошдиҳии кормандони роҳбарикунандаи ТҚМ ва дигар кормандони асосӣ барои пайравӣ аз арзишҳои корпоративӣ ва мақсадҳои стратегӣ.

Набудани робитаю алоқамандӣ миёни пардохти подош ва пайравӣ аз арзишҳои корпоративӣ ва мақсадҳои стратегӣ метавонад кормандони роҳбарикунандаи ТҚМ ва дигар кормандони асосиро барои анҷом додани амалиёте водор созад, ки он сарфи назар аз мақсадҳои муқарраршудаи стратегӣ ва эҳтимолияти пайдо шудани хавфҳои беасос (чунин ҳолатҳо одатан ба фаъолияти дилерҳо ва кормандони шуъбаҳои қарздиҳӣ алоқаманд мебошанд) дарояндаи наздик фоида оварад. Бояд қайд намуд,

ки чунин ҳолатҳо ба кори кормандони ТҚМ метавонанд таъсири манфӣ расонанд.

Бо мақсади роҳ надодан ба ҳолатҳое, ки ба қабули хавфҳои беасос алоқаманд мебошанд, хуб мешуд агар андозаи подоши кормандони роҳбарикунанда ва дигар кормандони асосӣ на дар асоси натиҷаҳои фаъолият дар давраи кӯтоҳмуҳлат, балки дар заминаи арзишҳои корпоративӣ ва мақсадҳои стратегии ТҚМ муқаррар карда шавад. Ҳаҷми пардохти подошпулии ТҚМ бояд барои ҷалб, ҳавасмандгардонӣ ва нигоҳ доштани шахсони дорои салоҳият ва тахассуси зарурӣ дошта, барои ТҚМ кофӣ бошад. Ҳамзамон, ТҚМ бояд аз сатҳи баландтари подошпулӣ, инчунин фарқияти беасоси калон байни сатҳи подошпулии шахсони роҳбарикунанда ва кормандони дигари асосии ТҚМ канораҷуӣ намояд. Пардохти подошпулӣ бояд мутобиқи сиёсати подошпулии ТҚМ, ки Шӯрои нозирони ТҚМ тасдиқ кардааст, амалӣ карда шавад. Низоми подошпулии кормандони роҳбарикунанда ва дигар кормандони асосии ТҚМ бояд аз подошпулии натиҷаи кори ТҚМ ва саҳми шахсии онҳо, ки ба ҳамин комёбиҳо расидаанд, вобаста бошад.

Усули 7. Фаъолият намудани низоми идоракунии корпоративӣ дар шароити шаффоф.

Фаъолияти ТҚМ дар шароити шаффоф самаранокии низоми идоракунии корпоративӣ, ҳисоботдиҳӣ ва масъулиятнокии Шӯрои нозирон ва Раёсати ТҚМ - ро барои амалҳои худ дар назди «шахсони манфиатдор» зиёдтар мегардонад. Бо мақсади амалӣ намудани ин усул ТҚМ бояд иттилооти дорои хусусияти зеринро ошкор намояд:

а) сохтори Шӯрои нозирони ТҚМ (ҳайати он, тахассус ва кумитаҳо);

б) сохтори Раёсати ТҚМ (ҳайати он, ҳисоботдиҳӣ, тахассус ва таҷриба);

в) сохтори ташкилии ТҚМ;

г) хусусият ва ҳаҷми амалиёт бо шахсони вобаста;

д) дар ҷойҳои намоён ҷойгир намудани қарорҳои Шӯрои нозирон, Раёсати ТҚМ дар бораи стратегияи фаъолият, ки дорои сирри тиҷоратӣ намебошанд.